“Тасдиқ мекунам”
Ректори МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”
номзади илми таърих, дотсент
Набизода М.С._____
“10” ноября 2025.

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР
ба диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром
дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсия ба самти ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пурра мувофиқ буда, таҳқиқот ба масъалаҳои ташаккули тасвири илмии олам дар равияҳои гуногуни фалсафии Шарқу Ғарб равона шудааст. Муаллиф категорияҳо ва шаклҳои ҳастиро дар заминаи инкишофи таърихӣ ва таълимоти фалсафӣ таҳлил менамояд, ки ба ҳадафи ин ихтисос комилан мутобиқ мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» ба омӯзиши яке аз мавзӯъҳои бунёдӣ ва ҳамзамон мубрами фалсафаи муосир — таърихи ташаккул ва инкишофи тасвири илмии олам бахшида шудааст. Муаллиф масъалаи мазкурро дар доираи раванди эволютсионии тафаккури фалсафӣ аз давраи тамаддунҳои қадим то низоми фалсафии муосир баррасӣ намуда, баҳсро дар асоси таҳлили манбаъшиносӣ, методологияи муқоисавӣ ва таҳлили категориявӣ анҷом додааст.

Муқоисаи шаклҳои ҳастӣ ва категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад ҳамчун абзорҳои диди илмию фалсафӣ, ки хоси дигарбораи арзишманди кори тадқиқотӣ мебошад, ба таҳқиқоти муосир дар соҳаи таърихи фалсафа ҳаммазмунӣ ва асоснокии назариявӣ мебахшад.

Мавзуи таҳқиқ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалии илмҳои гуманитарӣ дар шароити муосир мубрам аст, зеро масъалаи тасвири илмии олам ва сохтори ҷаҳонбинӣ дар шароити тағйирёбии парадигмаҳои фикрӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст. Таҳқиқи муаллиф ба масъалаҳои

худогоҳии фарҳангӣ ва методологияи шинохти илмӣ иртиботи мустақим дорад.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Диссертант хулосаҳо ва пешниҳодҳои худро дар бобати мавзуъ дар асоси таҳлили густардаи манбаъҳои аввалия, осори фалсафии Юнони Қадим, Шарқ, асримиёнагӣ, классикӣ ва муосир, инчунин адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ асоснок кардааст. Дар рисола равандҳои таърихӣ пайваста ва мантиқӣ нишон дода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Навгонии илмии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф барои шарҳи ташаккули тасвири илмии олам се мақулаи кулл – махсус – муҷаррад-ро ҳамчун меҳвари методологӣ ба таври низомманд истифода бурда, робитаи онтологӣ, гносеологӣ ва ҷаҳонбиниро дар ин раванд равшан менамояд. Ин равиш барои фалсафаи тоҷик ва таҳқиқоти дохилифалсафӣ арзиши тоза дорад.

Дар диссертатсия чунин натиҷаҳои дорои унсури навгонӣ ба даст омадаанд:

1. Маҳз категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад ҳамчун меҳвари ташаккул ёфтани тасвири илмии олам дар фалсафаи Шарқу Ғарб асоснок гардидаанд.
2. Муаллиф робитаи диалектикии шаклҳои ҳастӣ ва сатҳҳои шинохти илмиро нишон медиҳад, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва методологӣ мебошад.
3. Далел оварда мешавад, ки тасвири илмии олам на маҷмӯи донишҳои ҷудогона, балки сохтори консептуалӣ ва ҷаҳоншинохтӣ мебошад.
4. Натиҷаҳои тадқиқот имкони истифода дар омӯзиши фанҳои фалсафа, назарияи маърифат, онтология, методологияи илм ва таҳияи маводи таълимиро фароҳам меоранд.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд дар таҳияи курсу лексияҳо ва барномаҳои таълимӣ оид ба таърихи фалсафа, назарияи маърифат, фалсафаи илм, инчунин дар ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар муассисаҳои таълимӣ истифода шаванд. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, тадқиқот ба тафаккури интиқодӣ ва худогоҳии миллӣ мусоидат мекунад.

Рисолаи мазкур аҳамияти назариявӣ ва амалиро дорост:

- аҳамияти назариявӣ — дар такмили дастгоҳи консептуалии фалсафаи маърифат муҳим аст;
- аҳамияти амалӣ — барои таълими фанҳои фалсафа дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурда мешавад;
- аҳамияти методологӣ — дар таҳияи барномаҳо ва маводи таълимӣ оид ба таърихи фалсафа.

Матн бо услуби равони илмӣ таҳия шудааст, сохтор устувор ва мантиқӣ мебошад. Истифодаи манбаъҳо фарогир аст: сарчашмаҳои классикӣ, таълифоти муҳаққиқони муосири тоҷик, рус ва хориҷӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Услуби таҳлил ба талаботи тадқиқоти докторӣ мувофиқ аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ. Эътимоднокии натиҷаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф ба манбаъҳои аслӣ такя намуда, далелҳоро бо таҳлили мантиқӣ, муқоиса ва хулосабарорӣ мустаҳкам намудааст. Иқтибосҳо саҳеҳ ва мувофиқи меъёр истифода шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Диссертант дар раванди таҳқиқ дар интихоби модели категориявии таҳлил, низомбахшии маводи таърихӣ ва пешниҳоди фаҳмиши нав дар бораи сохтори тасвири илмии оламро мавриди назар қарор додааст. Хулосаҳо муаллифона ва аслианд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ, конфронсҳо ва нашрияҳои соҳавӣ интишор ёфтаанд, ки талаботи КОА-ро қонеъ мегардонанд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Мазмуни диссертатсия аз рӯи сохтор ва мундариҷа бо талаботи илмӣ мутобиқат дорад. Дар он масъалаҳои асосии мавзӯъ ба таври муфассал баррасӣ гардида, натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳои кофӣ асоснок шудаанд. Кор дорои ҷузъҳои назариявӣ ва амалии муҳим буда, муҳтавои он дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шудааст.

Аз рӯи дараҷаи ба итмом расидан, метавон гуфт, ки диссертатсия пурра иҷро гардида, ҳамаи қисматҳои зарурӣ — аз муқаддима то хулоса ва тавсияҳо ба таври муназзам таҳия шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада имкони истифодаи амалӣ доранд ва барои таҳқиқоти минбаъда замина фароҳам меоранд.

Сохтор ва ҳаҷми диссератсия. Диссертатсия дорои сохтори мантиқӣ ва пайдарпай буда, аз муқаддима, чор боб, даҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Мундариҷаи бобҳо ба вазифаҳои гузошташуда

ҷавобгӯ буда, рисола ба итмом расидааст ва ба талаботи амалкунандаи КОА ҷавоб медиҳад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методолгӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назарию амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби аввал асосҳои назариявию методологии баррасии тасвири илмии олам ва сарчашмаҳои он мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф моҳияти мафҳуми «тасвири илмии олам»-ро шарҳ дода, шаклҳои гуногуни он ва решаҳои таърихии ин мафҳумро дар андешаи фалсафии Юнони Қадим ва Шарқ нишон медиҳад.

Дар боби дуюм ба таҳаввул ва рушди афкор дар бораи тасвири илмии олам бахшида шуда, тағйироти назариявӣ дар фалсафаи асримиёнагӣ, Замони нав ва мактабҳои схоластикӣ ва классикии олмонӣ таҳлил мегарданд. Муаллиф ҳамчунин хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи назари файласуфони шарқӣ ва ғарбиро нишон медиҳад.

Дар боби сеюм ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва методологии тасвири илмии олам баррасӣ шудаанд. Муаллиф робитаи ин тасвирро бо ҷаҳонбинӣ ва сохтори маърифатӣ нишон дода, аҳамияти фалсафии онро дар таҳқиқоти муосир асоснок менамояд.

Дар боби чорум ба таҳлили мақулаҳои фалсафӣ ҳамчун ҷузъҳои сохтории тасвири илмии олам бахшида шудааст. Дар ин қисмат андешаҳои файласуфони ғарбии даврони муосир, аз охири асри XIX то постмодернизм, мавриди омӯзиш қарор гирифта, масъалаи умумият ва ягонагии мақулаҳо дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии илмӣ бозтоб меёбад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Сохтор, ҳаҷм, тартиби пешниҳод ва услуби таҳрири матн бо меъёрҳои муайянгардидаи КОА мувофиқат доранд. Рӯйхати адабиёт, истинодҳо ва тарзи истифодабарии манбаъҳо ба стандартҳои илмӣ мутобиқанд. Ифодаи фикрҳо дақиқ, услуби баён илмӣ ва муътадил буда, расмиятдиҳии ҷадвалҳо, истинодҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо тибқи талаботи меъёрии қабулшуда амалӣ гардидааст.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии довталаб – фалсафа ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 09.00.03 - Таърихи фалсафа мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсия аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки он ба таҳлили масоили назариявию методологии фаҳмиши ҳастӣ ва тасвири илмии олам равона шуда, ба рушди таҳқиқоти фалсафии муосир дар самти онтология ва гносеология мусоидат мекунад.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссератант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар бобҳои марбут ба фалсафаи муосир, муфид мебуд, агар муаллиф ба баҳсҳои иртиботи фалсафа ва илмҳои когнитивӣ низ ишора менамуд.
2. Мавриди таҳлил қарор додани баъзе ҷанбаҳои фалсафаи илм пас аз Кун ва Поппер низ барои ғанигардонии баҳс муфид мебуд.
3. Таҳқиқоти файласуфони тоҷики давраи шуравӣ ва муосир, ки ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи тасвири олам ва шаклҳои он бо истифода аз мақулаҳои фалсафӣ кам ба назар мерасад.
4. Боби 2 зербоби 2.1. Тасвири олам тавассути шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи асримиёнагӣ ва Замони нав унвон гирифтааст. Хамзамон, зербоби 2.2 Таҳаввул ва рушди ҷанбаҳои асосии тасвири шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи схоластикӣ ва фалсафаи классикии олмонӣ ном дорад. Хуб мебуд, агар фалсафаи схоластикии зербоби 2.2 дар зербоби 2.1., ки фалсафаи асримиёнагиро фарогир аст, баррасӣ мегардид.
5. Дар рисола зербобҳо (1.2, 2.2, 2.3, 3.2, 3.3,) аз саҳифаи нав оғоз шудаанд. Тибқи талабот бояд зербобҳо дар дохили боб пайи ҳамдигар оянд.

Эродҳо табиати тавсиявӣ ва техникӣ доранд ва ба арзиши умумии кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Автореферати дисертатсия тибқи тартиби муқарраградида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» ба талаботи манзуршуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа (09.00.03 – Таърихи фалсафа) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа Атоев Атоулло Мухторович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (протоколи № 5 аз 07 ноябри соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид-нест, бетараф- нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
фалсафа Ҳасанова З.А.

Эксперт:
доктори илмҳои фалсафа,
профессор Атоев А.М.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои фалсафа,
дотсент Абдулатипов У.Ҳ.

Имзоҳои З.А.Ҳасанова, А.М.Атоев,
У.Ҳ.Абдулатиповро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров “ Сайдуллозода З.С

Суроға: Индекс 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Б.Мавлонбекова,1
E-mail: https://www.hgu.tj/ Тел.:(992-3422) 6-52-73
«7» ноября соли 2025